Суратмаҷлиси №2

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6 D КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

**28 феврали соли 2023** **ш. Душанбе**

Иштирок доранд:
аз 15 нафар узви
шуро 14 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** дар мавзуи "Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, ходими пешбари шуъбаи таърихи адабиёти ИЗА Муҳаммадиев Шамсиддин) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Сатторов А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович ба Шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф. Юсуфов У. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи "Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) (роҳбари илмӣ, номзади илми филология,

ходими пешбари шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Шамсиддин) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Ҳакимов Аскар, доктори илми филология, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;

-Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

-Мисбоҳиддини Нарзиқул, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор - 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Сатторов А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.